**Саидалӣ Барот**

# ПАНДИ ЗИНДАГӢ

Душанбе
2012

ББК 84 Тоҷик 7-5
Х-32

Муҳаррир *Ғулом Исо*

Х-32 **Саидалӣ Барот. Панди зиндагӣ** (маҷмӯаи шеъру андарз ва қиссаву афсона). – Душанбе, 2012, 48 саҳ.

«Панди зиндагӣ» дуюмин дафтари эҷоди Сайидалӣ Барот аст. Дар маҷмӯа шеъру андарз, қиссаву афсона ва рубоиву дубайтиҳое гирд омадаанд, ки самараи дидаву шунидаҳояш мебошанд.

ISBN 978-99947-2-103-0

© Саидалӣ Барот, 2012

## ТОҶИКИСТОН

Эй Ватан ман дӯст дорам дашту кӯҳсори туро,
Деҳаву шаҳри базебу ҳам дилорои туро.
Шӯҳратат бодо фузун дар ҳар кучое, эй Ватан,
Чунки ҳастӣ модари ман, дӯст медорам туро.
Ман нишинам ҳам сари сангат ғазалхонӣ кунам,
Теппаҳоят мебароям рамаро бонӣ кунам.
Кабкҳо дар кӯҳсоронат ба парвоз омада,
Дар баҳорон маст гашта ханда арзонӣ кунам.
Эй диёри нозанинам, кишвари ободи ман,
Боиси хушнудиам, сарманшаи эҷоди ман.
Хоки ҳосилхези ту чун сурмаи чашмони ман,
Оби ҷонбахшат равон дар шаҳраги аҷдоди ман.
Дар канорат ҳар куҷо осуда мегирам нафас,
Эй диёри нозанинам бо ту ман дорам ҳавас.
Хизматат аз ҷону дил имрӯз иҷро мекунам,
Номи ту машҳуртар дар рӯи дунё мекунам.
Кӯҳҳоят пур зи ганҷу даштҳоят ғаллазор,
Зебу фар аз нав диҳад ҳусни базебатро баҳор.
Ман Ватан мегӯяму дил мешавад пур аз фараҳ,
Аз тамошои ту аслое намегирам нигаҳ.
Эй Ватан ҷонам туӣ, ҳам нуру имонам туӣ,
Қувваю нерӯи ман, ҷонам туӣ, ҷонам туӣ.

## НАВРӮЗ

Рӯзи Наврӯз ҳам расид, олам мунаввар мешавад,
Зиннати рӯи замин аз сабзаи тар мешавад.
Оятеро хон ту аз Қуръону кам кун лобаҳо,
Тоҷикистон кишвари хуб асту хубтар мешавад.
Рӯзи Наврӯз омаду ҳар ҷо бигашта сабзазор,
Занги дилро мебарад, эй дӯстон, бӯи баҳор.
Шодию хурсандӣ бошад ҳар куҷо дар ҳар канор,
Шод бош, хуш омадӣ, Наврӯзи – ман фасли баҳор.
Рӯзи Наврӯз омаду ҳар ҷо гулистон мешавад,
Сабзу хуррам сарзамини Тоҷикистон мешавад.

## ҲУСНИ ВАТАН

Зебо Ватан дорем мо,
Кӯҳу даман дорем мо.
Соҳибқирони шоирон,
Ҳоҷӣ Ҳусайн дорем мо.

Омад баҳори нозанин,
Борону селобаш бубин.
Сарсабз кӯҳу пушта шуд,
Гулҳои садрангаш бичин.

Имрӯз дар фасли баҳор,
Бо ҳарду чашми интизор.
Сайри гулистон меравем,
Зебо бигашта ин диёр.

Лабханду сайри лола хуш,
Чун духтари қинғола хуш.
Гулбазму гулханди баҳор,
Дар пуштаю дар ёла хуш.

Бин ошиқу дилдодаро
Дар роҳи ишқ афтодаро.
Сармасти ҳусни ин чаман,
Зебоҷавони содаро.

Лабхандаи ҷонона бин,
Ҳам ишваи мастона бин.
Моил ба сӯи ман шуда,
Монандаи парвона бин.

Ҳастам сухангӯ аз азал,
Шаҳбайту панду ҳам ғазал.
Бо шеър монам ҷовидон,
Бандам сари роҳи аҷал.

## НАВРӮЗӢ

Наврӯзи нав омад кунун
Олам гулистон мешавад.
Ҳар лола бо лабхандааш
Мисли чароғон мешавад.

Бархезу бар саҳро бирав,
Гулҳои Наврӯзӣ биёр.
Пайки баҳори тозарӯ,
Лабхандаи фасли баҳор.

Наврӯзи нав омад кунун,
Рӯзу шабон ҳамранг шуд.
Дар дил намеғунҷад фараҳ,
Бингар ҷаҳон садранг шуд.

Наврӯзи нав омад кунун
Олам гулистон гаштааст.
Пурноз хони мардумон
Аз файзи деҳқон гаштааст.

## БАХТОВАР

*Ба Эмомалӣ Раҳмон*

Сулҳовариву хайрхоҳ,
Шоҳаншаҳи давру замон
Бодо дароз умри Шумо,
Машҳур гаштӣ дар ҷаҳон.

Кардӣ аҷаб кори накӯ,
Сарҷамъ кардӣ мардумон.
Бо сулҳу ваҳдатпарварӣ
Номи ту монад ҷовидон.

Бас роҳҳо бикшодаӣ,
Бар мулку кишварҳои дур.
Гардид зебо зиндагӣ,
Дилҳо шуда пур аз сурур.

Шуд сохтмонҳои зиёд,
Обод кишвар гаштааст.
Аз нури нерӯгоҳҳо
Ҳар ҷо мунаввар гаштааст.

Овардӣ рӯ бар маърифат,
Обод мактаб кардаӣ.
Бо илму ирфон пешрав
Роҳи саодат кардаӣ.

Бас нақбҳо бикшода шуд,
Осон гардид рафтуо.
Мардум дуогӯи туанд
Аз даргаҳу бори Худо.

Сад шукр баҳри халқи мо
Як сарвари доно туӣ,
Чун парчами мо сарбаланд
Андар ҳама дунё туӣ.

## ПАНДИ ЗИНДАГӢ

Мардумро коҳиш макун,
Коҳилӣ хоҳиш макун.
Вақти талошу заҳмат
Фикри осоиш макун.

Машав чун хори гулшан,
Бо дӯстон машав душман.
Роҳи каҷ асло марав,
Беҳуда ҳар ҳарҷо мадав.

Бо роҳи бад асло марав,
Аз пушти кори бад надав.
Душман ба худ пайдо макун,
Беҳуда ту ғавғо макун.

Роҳи каҷ хатар дорад,
Кори фач хатар дорад.
Хасми худ макун мардум,
Бадраҳӣ зарар дорад.

Шод кун дилафгорон,
Ғамкашону беморон.
Шукри даргаҳи Ҳақ кун
Ҳамчунон дилафгорон.

Сири худ магу бар кас,
Пеши ҳар касу нокас,
В-арна мешавӣ беқадр
Байни мардумон чун хас.

## ОБОД РОҒУН МЕШАВАД

НОБ-и калон Роғун шавад,
Ин мулки мо гулгун шавад.
Аз нури Роғун оқибат
Хасми Ватан дилхун шавад.

Фарҳодҳо биштофтанд,
Бин қалби кӯҳ бишкофтанд.
Аз тори нангу ҳамдилӣ
Симтури қисмат бофтанд.

Роғун бувад шаҳри ҷавон,
Вахшоб аз паҳлу равон.
Як рӯз нурафшон шавад
Аз ҳимати номоварон.

Нурофарон нур офаранд,
Бо панҷаи зӯр офаранд.
Аз қалби кӯҳи тирафом
Ҳангомаю шӯр офаранд.

Эй мардуми бонангу ор,
Хубтар шавед машғули кор.
Шаҳди саодат мечашед
Аз азматон дил гашта шод.

## ҶАВОНӢ

Ҷавонӣ – хушлиқой, зурмандие ба тан бошанд,
Хуш он рӯзе ҷавонҳо посбони ин Ватан бошанд.
Бихонанд дар ҷавонӣ илму суде оваранд бо худ,
Ба худ нафъовару ҳам меҳрубони ҷону тан бошанд.
Хуш аст он одаме андар ҷавонӣ чун ҳунар омӯхт,
Чу шамъе дар ҳаёти хештан худро агар афрухт.
Ҷавонӣ меравад кам-кам, дилатро мефишорад ғам,
Ба айёми ҷавонӣ қувваи инсонӣ мустаҳкам.
Замоне пир гардӣ, мехурӣ афсӯс дар олам,
Фаро гирад дили бекинаатро ғусаву мотам.
Бигӯӣ, ки ҷавон будам, вақташ буд н-омӯхтам,
Сари зону занӣ гӯи дареғо, ки навомӯхтам.
Сазои он касе, ки дар ҷавонӣ гашт беҳуда,
Ягон кори накуеро накард, чизе наозмуда.
Ба пирӣ пои ту хам мезанад, рафтан ҷудо душвор,
Қадат хам мезанад, акнун натони ҳеҷ як кор.
Азизи ман, ғанимат дон даврони ҷавониро,
Бихону ҳам ҳунар омӯз, бикун дур нотавониро.

## ПУШАЙМОНӢ

Ҷавонӣ рафту сарсон гаштаӣ, аз он пушаймонӣ,
Нахондӣ илми дунёро кунун имрӯз нодонӣ.
Ҳунар н-омухтӣ, беҳуда гаштӣ чун мағелоне,
Кунун дар пириат хорӣ, ба ҳар ҷо гашта ҳайронӣ.
Ба ёдат мерасад даври ҷавонӣ, мехӯрӣ афсӯс,
Чаро ки кори пешинро дигар имрӯз натвонӣ.
Сазои он касе андар ҷавонӣ сар-сарӣ гардид,
Ба базми булҳавас, монанди зоғе қар-қарӣ гардид.

## МАРДОНИ ШУҶОИ ТОҶИКИСТОН

Ин ҷавонони далер аз Тоҷикистони мананд,
Дар набард онҳо таҳамтан сахттар аз оҳананд.
Дар ҳама кори ҷаҳон ҳастанд номуси Ватан,
Шердилҳои диёр аз мулки Хатлони мананд.

## КУҶО ШУД

Куҷо рафтанд падарҳою бобоҳо куҷо рафтанд,
Ба хоки тар фано гардидаю аз мо паноҳ рафтанд.
Ҳама зӯрони олам рафт, мо ҳам меравем рӯзе,
Зи доғи оламу дунё чу шамъе худ биафрӯзӣ.
Куҷо шуд Рустами Дастон, куҷо шуд шери Хатлонӣ,
Ҳама рафтанд аз олам, мо ҳам меравем як дам.
Ҳама пайғамбарон рафтанд, аз ин олами фонӣ,
Магар ки корзори ин ҷаҳонро ту ҳамедонӣ.
Раванду меравand аз ин ҷаҳон мардони фарзона,
Раванду боз мо ҳам меравем имрӯз аз ин хона.

## ТИРАМОҲ

Тирамаҳ хазон дорад,
Нафъи бекарон дорад.
Гандуми пури анбор,
Аҳли хонадон дорад.

Тирамоҳ бикун шудгор,
Ҳосили накӯ бардор.
Ҳамчу мазраи деҳқон
Зиндагӣ шавад такрор.

Деҳқонҳои нозанин,
Гандум коред дар замин.
Тобистон ҷамъаш бикун,
Калонтар хушаро бин.

Киштаҳои деҳқон бин,
Ҳосили фаровон бин.
Сабзу дилкашу зебо
Пуштаҳои армон бин.

Барфу борон сар шавад,
Чашми деҳқон сер шавад.
Гандум рӯяд аз замин,
Хони деҳқон пур шавад.

Мавсими дарав ояд,
Ҳосиле зи нав ояд.
Халта-халта аз саҳро
Наску дони ҷав ояд.

Тирамаҳ чизе корӣ,
Ҳосили накӯ орӣ.
Пур шавад туро анбор
Вораҳӣ ту аз хорӣ.

## НОЗИМЕ АЗ ТУТҚАВУЛ

Нозим мегӯяд мирам,
Тутқавулро мегирам.
Чӣ медонад, мемирам,
Сад аламои Нозим.

Салай Нозим кабуд аст,
Нозим дар дарё ғут аст.
Аспи Нозим кузала,
Ӯро заданд ба хала.

Дарвозаҳои возаш,
Духтари луфтакбозаш.
Ӯ дошт чанде ғалла,
Онро мардум мебара.

Хонаи Нозим вайрона,
Хешони ӯ ҳайронанд.
Духтарҳо таги долон,
Пиру ҷавон гирёнанд.

Қиссахон инро бихон,
Нақл кун бо мардумон.
Имрӯз ин аст афсона,
Нозим буд марди майдон.

## ДУХТАРАКИ ДЕҲОТӢ

Духтараки деҳотӣ,
Ширин мисли наботӣ.
Себе даруни остин,
Бахшат барам савғотӣ.

Биё – биё, ҷонона,
Рақс бикун Фарзона.
Зебо ҳастӣ, эй нигор,
Камарбандат шоҳона.

Дар сари ту рӯймолай,
Нигоҳ кунем ҳалолай.
Ҳарду ҳастем мусулмон,
Дигар хелаш уболай.

Даста –даста гул бичин,
Чаҳ-чаҳи булбул бубин.
Чашмат кушо ҳар тараф,
Хандаҳои гул бубин.

Зебосанам ба мошин,
Паҳлуи ёрат бишин.
Арӯсатро мебаранд,
Хубии бахтат бубин.

Умри инсон чун баҳор,
Чашмони ёр беқарор.
Худат бирав ба бозор,
Баҳри рӯймоли гулдор.

Курта дорӣ чатрорӣ,
Нуги зулфат марворӣ.
Рӯймол дорӣ шаҳтутӣ,
Шавқе ба дил меорӣ.

## ҚАДРИ КИТОБ

Агар китоб бихонӣ,
Қадри инсон бидонӣ.
Агар китоб нахонӣ,
Дунёро намедонӣ.
Китоб ҷаҳони панд аст,
Ширин мисоли қанд аст.
Таҷриба меомӯзед,
Чашм ҳар сӯ медузед.
Аз дунё ёбӣ хабар,
Аз ҳамаи баҳру бар.
Ҳама гап дар китоб аст,
Мисли ганҷи ноёб аст.
Китобро бисёр бихон,
Дунёро хубтар бидон.
Китоб ақлу тамиз аст,
Гар бихонӣ азиз аст.
Ӯ дӯсти беминнат аст,
Гапҳои ӯ қиммат аст.
Китоб ба мо ҳамнафас,
Ба қадри китоб бирас.
Худро нагир дар канор,
Аз китоб баҳра бардор.
Агар китоб бихонӣ,
Бисёр забонҳо донӣ.
Ҳар куҷое гар равӣ,
Асло ту дар намонӣ.
Забони бурро китоб,
Зӯру тавоно китоб.

Машҳур шавӣ ба олам,
Агар бихонӣ китоб.
Ӯ дӯсти беминнат аст,
Ӯ ҳамдами қиммат аст.
Аз тилло ҳам накӯтар,
Бар одамӣ зиннат аст.
Дар танҳоӣ бо ту дӯст,
Ҳамрозу ҳамдамат ӯст.
Калиди ҳар мушкил аст,
Ҳама аз он қоил аст.
Агар китоб бихонӣ,
Ҳама оламро донӣ.
Рӯ биоред бар китоб,
Бошад ин кори савоб.

## ДИЛДОДА

Ман чун абри баҳорам,
Ҷоно, ба ту хушдорам.
Рухсори ту чун анор,
Бо ту шудам гирифтор.

Қалам каши қошонат,
Мисли садаф дандонат.
Бо ту шудам гирифтор,
Ман бишудам ҳайронат.

Парӣ гӯям, одамӣ,
Дар саховат Ҳотамӣ.
Пешам нишин азизам,
Барои ман ҳамдамӣ.

Зебосанам, сабзина,
Дар дил надорӣ кина.
Хилват биё ба пешам,
То модарат набина.

Эй кафтари дар парвоз.
Аз пасат кардам овоз.
Як назар бинмо ба ман,
Аз зебогиат маноз.

Духтар гули баҳорӣ,
Долари бисёр дорӣ.
Рӯят чу барф сафед аст,
Ту зеби мошин дорӣ.

Духтар, нишин дар барам,
Куртаи шоҳит харам.
Маро ту карди Маҷнун,
Аз ишқат дар ба дарам.

## БО АМРИ ХУДО

Шоир ҳастам бубахшед,
Аз дӯстӣ дорам умед.
Шаби сияҳ шуд сафед,
Аз шумо дорам умед.
Тарсу бим бартараф шуд,
Сулҳу дӯстӣ ба каф шуд.
Андеша кунед дӯстон,
Дар дунё ҳастем меҳмон.
Боқӣ монад ин ҷаҳон,
Дӯстӣ бошад ҷовидон.
Ҳоло сулҳу салоҳ шуд,
Айбу гунаҳ паноҳ шуд.
Шодӣ кунед, дӯстон,
Бинед файзи дастурхон.
Замин доданд иҷора,
Дигар ки набуд чора.
Пиру барно дар саҳро,
Кишоварзӣ кори мо.

Сайдалӣ акнун нигар,
Ҳама ёру бародар.
Равнақу ободӣ бин,
Дар ҳама ҷо шодӣ бин.

## ОСТИНАКИ ДАРОЗАТ

Дар деҳаи Тирозат,
Бо кӣ бигӯи розат.
Остинаки дарозат,
Бо ки мекунӣ нозат.

Духтар ту ҳастӣ раъно,
Хона даро Марҳабо.
Куртаи пӯсти морат,
Холакҳои қаторат.

Остинаки дарозат,
Бо кӣ мекунӣ нозат.

Оҳиста рав нозанин,
Наъли кафшат дар замин.
Имрӯз баро ба тахтат,
Акнун ту ёфтӣ бахтат.

Остинаки дарозат,
Бо кӣ мекунӣ нозат.

Рӯзи висолат омад,
Авзои ҳолат омад.
Табассум кун, эй бача,
Наздат омад гулғунча.

Остинаки дарозат,
Бо кӣ мекунӣ нозат.

Ҳоло ҳастем бегона,
Чӣ мекунӣ баҳона.
Сурху сафед рӯи ту,
Қадаки дилҷӯи ту.

Остинаки дарозат,
Бо кӣ мекунӣ нозат.

## ДУХТАРАКИ НАЙНАВОЗ

Духтараки найнавоз,
Навози найро ту соз.
Қадат гардам ҷонакам,
Шунгак кашӣ беовоз.

Ту духтари чӯпонӣ,
Қадри ошиқро донӣ.
Аз мулки Балҷувонӣ,
Нозанину пурдонӣ.

Сари роҳат нишастам,
Ба ишқи ту пайвастам.
Ман шайдои ту бошам,
То он даме, ки ҳастам.

Духтари дорои ту,
Чашмони шаҳлои ту.
Мо дар тамошои ту,
Аз ҳама болои ту.

Нашав асло булҳавас,
Ваъда мадеҳ ба ҳар кас.
Ҳамдили бовафо шав,
Бубин орзую ҳавас.

Қадаки зебо дорӣ,
Чашмони шаҳло дорӣ.
Марҳами ҷонам шавӣ,
Лутфу таманно дорӣ.

Сайри саҳро меравем,
Тани танҳо меравем.
Эй духтари найнавоз,
Бо гуфти мо меравем.

## НОЗ ДОРАД ДУХТАРАК

Эй парӣ ноз накун,
Худата пардоз накун.
Назди дӯстдорат нишин,
Шарфаи овоз накун.

Ашки чашмат пок кун,
Туфлии худро қоқ кун.
Кори беҳуда макун,
Рӯ ҷониби айлоқ кун.

Ҳамчу товус дар хиром,
Хумор дорад духтарак.
Бо лаби пурхандааш,
Гуфтор дорад духтарак.

Чатри шоҳона кушод,
Имои миҷгон бинамуд.
Бо лаби пурхандааш,
Ҳай ноз дорад духтарак.

Нанги дунё кардаам,
Бо аҳд вафо кардаам.
Талаб зи Худо кардаам,
Ноз дорад духтарак.

Гардиши чархи ҷаҳон,
Зебанда аст ба хонадон.
Сире, ки буд имрӯз ниҳон,
Ноз дорад духтарак.

## ДИЛРЕЗАҲО

Бар лаби чашма омадӣ,
Масти карашма омадӣ.
Кардӣ нигаҳ ба ишвае,
Волаву ташна омадӣ.

Қадаки ларзон дорӣ,
Зулфи парешон дорӣ.
Дар гардани сафедат
Гаҳнаву марҷон дорӣ.

Қадам мемонӣ ба ноз,
Зулфи сиёҳат дароз.
Аз нигаҳи ту хонам
Як ҷаҳон олами роз.

Ҷону дилам фидоят
Медавам аз қафоят.
Шукронаи ту гӯям
Бо он ҳама ҷафоят.

Чаллаи тилло дорӣ,
Ба дили ман мефорӣ.
Аз дур нигоҳат кардам,
Ба дили ман айёрӣ.

Каме ҷунбон лабонат,
То битобад дандонат.
Ҷонам фидоят бодо,
Бинам лаби хандонат.

Ҷонон равем ба саҳро,
Ба сӯи боғ тамошо.
Каме хумор бишканем,
Равем ба сайри гулҳо.

Аҷаб ту дилфиребӣ,
Зебо чун гули себӣ.
Вақте чакан бипушӣ,
Мисли парӣ базебӣ.

Духтар ба мошин бишин,
Бе ғурбату кин бишин.
Ҳар ду тамошо равем,
Гулҳои армон бичин.

Сарви равоне дорӣ,
Рози ниҳоне дорӣ,
Дар хам-хами абрувон
Тиру камоне дорӣ.

Баски ба ту дил бастам,
Ҳамеша бо ту ҳастам.
Бурдӣ дилам ба нозе
Масти қади ту ҳастам.

Ошиқи зори туам,
Дил беқарори туам.
Бо ҳама дилташнагӣ
Раҳинтизори туам.

Сар-сари теппа гулхор,
Бурда дилам Гулизор.
Эй маҳ, биё, ба наздам,
Ман ошиқи беқарор.

Куртат гули зардолу,
Ба дардам бишав дору.
Дармони дардам бишав,
Монанди шаҳди орӯ.

Мудом дар фасли баҳор,
Ёрам равад ба Ҳисор.
Аз он ҷо дер меояд,
Ҳастам раҳаш интизор.

Маро дидӣ қашоқам,
Сағераи қишлоқам.
Чӯпонам аз паси мол,
Ана бинед таёқам.

Эй духтари сабзина,
Ду даст болои сина.
Хилват биё ба пешам,
То ки касе набина.

Аҷаб зебо сабзина,
Гули раъно сабзина.
Ҷону дилам рабуда
Ҳай хушнигоҳ сабзина.

Ба худ ту дорӣ имон,
Раҳме намо, эй ҷонон.
Ошиқи покат манам,
Дили маро маранҷон.

Сабзинаранг куҷо шуд,
Офати ҷони мо шуд.
Хостам бубинам рӯяш,
Паси парда баҷо шуд.

Зебодухтар раъноӣ,
Агарчи бепарвоӣ.
Худо диҳад бахти ту,
Ба дарди ман давоӣ.

Себи Фалғар ту бошӣ,
Меваи тар ту бошӣ.
Моҳу ахтар ту бошӣ,
Ҷону ҷигар ту бошӣ.

Забондарозӣ макун,
Бо касе бозӣ макун.
Эй ёри зебои ман,
Ғайрнавозӣ макун.

Духтар ҳасти маҳҷабин,
Ту кафтару ман лочин.
Биё ба наздам бишин,
Тапидани дилам бин.

Сире дорам ниҳонӣ,
Гӯям ба ту пинҳонӣ.
Ошиқи зорат манам,
Эй духтари Булёнӣ.

Сурма ба чашмони ту,
Сафед аст дандони ту.
Зебо ҳастӣ ҷонона,
Бишканам ормони ту.

## РУБОӢ ВА ДУБАЙТӢ

Эй зоғи сиёҳ куҷо равӣ гӯшот кар,
Хабари маро ба назди модар ту бибар.
Аввал дидӣ, гиряю зорима бигӯ,
Пас бо модар, зиндаҷудогима бигӯ.

Сари ин теппае буд хонаи ман,
Фалак тире бизад бар шонаи ман.
Фалак моро бизад бегурзу пайком,
Магар пур гаштааст паймонаи ман.

Ту себаки сурхӣ, дар талошат банда,
Шӯридаи ишқата макун шарманда.
Ҳарҷо бошам, дар хаёлат бошам,
Дар назди рақиб маро нагӯи ганда.

Соддадилакам, ишқи ҷавонӣ дорам,
Ошиқат манам, ишқи ниҳонӣ дорам.
Дар ёди туам, шабону рӯзҳои дароз,
Ту баҳри מану ман ба шумо даркорам.

Чашми ману абрӯи ту тоқ афтодаст,
Ду булбули шӯрида тифоқ афтодаст.
Мо кабкаки даргузар аз кӯҳи дигар,
Имрӯз чӣ сир, ки дар нифоқ афтодаст.

Дарахти себу зардолу ту дорӣ,
Ду чашми масти хунолу ту дорӣ.
Шудам мафтуну моти ҳар гуноҳат,
Каманд бо хеш дар паҳлу ту дорӣ.

Ин шаб чӣ шаб аст дар паси хонаи ту,
Бар гӯш расид шарфаи дасмонаи ту.
Мурғони ҳаво дар ҳаваси донаи ту,
Ман дар ҳаваси канори мастонаи ту.

Ҷононаи ҷон, аз ту хабар мегирам,
Чандест надидамат дар мегирам.
Дар ишқи шумо сӯхта шудам хокистар,
Сангҳои хунук дар ҷигар мегирам.

Рафтам пушта ба чидани дулона,
Онҷо санаме шишта китоб мехона.
Гуфтам санамо, чаро ба дур омадаӣ,
Гуфто хилват аст инҷоро ёр медона.

Дулона чину худакта пардоз мадеҳ,
Ғофил нашаву ба кас ту овоз мадеҳ.
Ситора будам зи осмон канда шудам,
Аз баҳри дулона бо шумо банда шудам.

Сабзина занак дар канорат бошам,
Бишкуфта чу гулҳои анорат бошам.
Эй ёраки ман, ноз бисёр макун,
Ман ошиқи шухи беқарорат бошам.

Сабзиназанак ниҳоли пурбори туам,
Як ташналаби ҷамолу дидори туам.
Дил бо нигаҳе ошиқи шайдои ту шуд,
Як ёраки дилсӯхта, харидори туам.

Сарчашмаи боғу бӯстон аст Ватан,
Хушбоду ҳавоюю дилситон аст Ватан.
Ҳар зарраи хоки он азизи дили ман,
Алқисса маро чу ҷисму ҷон аст Ватан.

Кабкон сари сангу чаҳ-чаҳаш дар бӯстон,
Овора манам ҷудо шудам аз дӯстон.
Рафтам сари сарчашмаи ёрон ба ҳавас,
Ҳам об бинӯшидаму дидам ҳар кас.

## *АЗ ГУФТАВУ ШУНИДАҲО*

## АНДАРЗҲО

Касе ки Ватанашро дӯст намедорад, имон надорад.

* * *

Касоне, ки гузаштаи пуралами худро дар ёд надоранду фаромӯш мекунанд, инсони комил нестанд.

* * *

Касе ки мушкилиҳои давраи Ҷанги Бузурги Ватаниро фаромӯш мекунад, беинсоф аст.

* * *

Касе, ки дар ҷавонӣ илму ҳунар намеомӯзад, бадбахти рӯи олам аст.

Касоне, ки даҳшати рӯзҳои ҷанги бародаркушро фаромӯш мекунад, беимон аст.

* * *

Касе, ки хубиро надониста, ба ивази он ба кас бадӣ мекунад, аблаҳу нокас аст.

* * *

Сулҳ меваи ширинтарин, қимматтарин, пурарзиштарин дар дунёст. Касе ба қадри сулҳ намерасаду иғвои ҷанг мекунад, дузахист.

* * *

Осудагӣ неъмати бебаҳо аст. Барои инсон беҳтарин савғо аст.

* * *

Касе, ки манфиати осудагиро надониста, худро хор мекунад, бадбахт аст.

Умрро чунон бояд гузаронд, ки вақти беҳуда гузаронидаатро ба ёд орӣ, аламат наояд.

* * *

Бо дӯстон муруввату бо душманон мадоро кардан бояд шиори ҳар инсон бошад.

* * *

Чизеро, ки намедонӣ, аз пурсидани он асло шарм набояд кард. Пурсида, пурсида доно мешавӣ. Дида-дида фаҳмо мешавӣ.

* * *

Қадри устодонро бояд бидонӣ. Касе устодашро беқадрӣ мекунад, бадбахтарин инсони олам аст.

* * *

Қавл додӣ, албатта вафо бояд кард. Беҳтарин хислати одам он аст, ки ба ваъда вафо кунад. Инсон ҳамеша бояд шукргузор бошад. Шукрона аз он кунад, ки Худо ба ӯ ризқу рӯзӣ додааст, тани сиҳату фарзандони содиқ додааст.

* * *

Инсон бояд забони бурроюу гӯё дошта бошад. Ҳар чӣ мегӯяд рост ва ҳаққонӣ гӯяд.

* * *

Аз касе бояд тарсид, ки ӯ аз Худо наметарсад. Аз инсони ганда дур бояд гурехт.

* * *

Суханчин набояд буд, чунки хислати бади инсон ҳамин аст.

* * *

Дурӯғ набояд гуфт. Ҳар сухане мегӯӣ ҳаққонӣ ва рост бояд гуфт.

* * *

Шахс бояд соҳиби тани пок бошад. Луқмаи ҳалол бояд хӯрд.

* * *

Илоҷе кардан лозим аст, ки душманонро бо худ дӯст намоӣ. Дӯстонро бошад аз худ магурезон. Ҳамеша мутакои дӯст бояд буд.

* * *

Дӯстдори қарз набошед. Қарз касрат аст. Мегӯянд, ки кам бихӯру ғам махӯр. Ин гуфтаҳо барои одамоне ҳаст, ки қарздор мешаванду як умр азият мекашанд.

* * *

Дар назди донишмандон оҳиста сухан бояд гуфт. Агар илоҷаш бошад, ором бояд нишаст.

* * *

Аз меҳмон асло боло нашин. Чизе дар кулбаат дошта бошӣ, пеши меҳмон барор. Меҳмон ба хонаи ту фиристодаи Худо аст.

* * *

Ба касони номувофиқ асло ҳамроҳ нашав. Бо чунин одамон ҳамсӯҳбат нашав. Аз чунин касон худро канор гир.

* * *

Ба фарзанди худ меҳрубон бошу ба ӯ касбу ҳунар омӯз. Ба ӯ номи писандида гузор. Хонадораш бикун. Инаст қарзи падарӣ барои фарзанд.

* * *

Фарзандонро, хоҳ бад бошаду хоҳ нек, як бишумору ба роҳи рост ҳидояташон бикун.

* * *

Ватани худро, миллататро, падару модаратро асло наҳ (танқид, бадгӯӣ) макун.

* * *

Ба ҳайвоне, ки дар хонаат дорӣ, беҳуда ҷабр накун. Онҳоро беобу хӯрок намон. Агар баста бошанд.

* * *

Сайёдӣ кори мушкил аст. Охираш ба кас хорӣ меорад. Барои сайёд шудан андеша бояд кард.

* * *

Ба саросемагӣ кор накун, ки оқибаташ бароят зиёновар аст. Чӣ тавре мегӯянд:

*Аспи тозӣ оқибат хорат кунад,*
*Марди оқил бо сухан борат кунад.*
*Ин сухан бовар бикун, ҷони ширин,*
*Таънаи бисёр абгорат кунад.*

* * *

Касбу ҳунари худро дӯст дор. Коратро ҳалол карда, нони ҳалол бихӯр. Бисёр ҳунарҳоро аз худ намо. Мегӯянд, ки ба мард чил ҳунар кам аст, ин ҳақ асту рост.

* * *

Табиатро дӯст дору саломатиатро аз он биҷӯй.

* * *

Бо хайру босаховат бош! Мегӯянд, ки «Сахӣ дар ҳарду олам сарбаланд аст». Ин ҳақ асту рост.

* * *

Одамонро, ки корафтодаат бошанд, озор мадеҳ!

* * *

Ҳама вақт Худоро дар қалбат шумор. Пайғомбаронро ёд бикун.

* * *

Дар ҳама ҷо, хусусан дар масҷид ғайбат накун.

* * *

Сари ятимонро сила кунед. Мегӯянд, ки сари ятимонро сила кунӣ, рисқат афзун мешавад.

* * *

Бе бисмиллоҳ нон нахӯр, ки шарикат шайтон мешавад.

* * *

Ба қадри илму китоб бирас. Аз он ҳама чизро биомӯз, ҳар манфиате мебинӣ, натиҷааш аз хондани китоб аст.

* * *

Ба кулбаи дӯстон бисёр наравед, ки хору залил мешавед. Кам равед, боқадр мешавед.

* * *

Дар давра ҳар суханеро, ки бехашро намедонию воқеаашро надидаӣ нақл накун. Мегӯянд, ки: «Шунидан кай бувад монанди дидан».

* * *

Ҳарчӣ коридӣ, ҳосил аз он бидравӣ. Бад кардӣ, бадӣ мебинӣ. Некӣ кардӣ, некӣ мебинӣ.

* * *

Дар зиндагӣ падару модарро гиромӣ бидор. Аз

гуфтаҳояшон берун набаро. Хуб нигоҳубинашон бикун. Нагузор, ки фарзандонат онҳоро носазо гӯянд.

* * *

Дар зиндагиат доимо ниҳол бисабзону ба мардум аз меваи он бичашон. Мегӯянд: «Як дарахти бесамар аз фарзанди солеҳ боло аст», ин ҳақ асту рост.

* * *

Хабаргирии беморе рафтӣ назди ӯ бисёр нанишин ва суханҳои носуфтаи бесару нуг нагӯй, ки он суханон ҳузновар бошанд.

* * *

Қадри худро аввал бидон. Пас дигарон ҳам қадри туро медонанд.

* * *

Кори касро надида, ҳавоӣ баҳо надеҳ. Чӣ хеле ки мегӯянд:

*То кас сухане нагуфта бошад,*
*Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.*
*Ҳар беша гумон мабар, ки холист,*
*Шояд, ки паланг хуфта бошад.*

* * *

Ба ҳар ҷо сафар кардӣ, албатта лавозимоти даркориро фавран бигир. Тушаи роҳ, сару либос ва ғайра. Чуноне ки мегӯянд: Ба шикори рӯбоҳ рафтӣ, барои шер аслиҳа бигир.

* * *

Асло кинагир машав. Аввало ба касе беҳуда ҷангу ҷанҷол накун. Корро бе қаҳригӣ ҳал бикун. Агар нашуду бо мусоҳибат ногап шудӣ, аз се рӯз зиёд ногап нашав.

* * *

Як умр ҷӯёи илм бишав. Беҳуда нест, ки пайғамбарамон ҳазрати Муҳаммад (с) фармудааст: «Аз гавҳора то гӯр илмро биҷӯй».

# ЁДЕ АЗ ҶАВОНМАРДОНИ КАНГУРТӢ

Мулки Кангурт ҷои дилфаро ва макони ҳофизон, шоирон, бастакору ҳунармандони машҳури Тоҷикистон аст. Дар давраи подшоҳии Бухоро Кангурт макони олимону мударисони машҳур буд. Аз Тоҷикистони шарқӣ беҳтарин таҳсилкардаҳо аз ҳисоби мардуми Кангурт ба шумор мерафт. Мударисони машҳур Ҳоҷӣ Ҳусайн, Ҳоҷӣ Камол, Хоҷа Юсуфи Хатлонӣ, Домулои Кобулӣ ва дигарон буданд, ки дар Бухорои давраи амирӣ онҳоро шахсан мешинохтанду эҳтиромашон мекарданд. Даҳҳо ҷавонони илмдӯсти кангуртӣ дар асрҳои пешин дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил карда, дар Кангурту Балҷувон омада имоматию мударисӣ мекарданду шӯҳратманд буданд.

Аз Кангурт (дар деҳаи Қарақамиши поён) шоири номдори классики тоҷик Ҳоҷӣ Ҳусайн ба дунё омадааст, ки дар шоирию хаттотӣ, муҳрканию лавҳакашӣ дар замони худ шӯҳрати беандозае дошт. Китоби хаттотии ӯ «Ашколи хутути Исломия» дар ҷаҳон машҳур аст. Дар ин китоб 62 намуд хати арабиасоси ӯ бо дастони шоир хаттотӣ карда шудааст, ки дар ин ҷода касе ба дараҷаи ӯ нарасидааст. Хаттоти асри XV-и тоҷик Миралии Муйқалам, ки зодаи Ҳироти Афғонистон буд, фақат 5 навъи хатро офарида буду халос.

Соли 1984 дар Москва як миллион нусха китоби хаттотии ӯро чоп намуда, ба 16 мамлакати хати арабиасос доштагӣ фиристониданд. Ҳукумати онвақтаи Шӯравӣ аз рӯи ин асари шоир фоидаи бисёре ба даст овард. Шоир Ҳоҷӣ Ҳусайн бо равияи Бедил шеърҳои бисёре офаридааст, ки чанд ҳазор мисраи онро дар замони мо дар Душанбе чоп карда, дастраси халқи тоҷик гардонидаанд.

Ҳайкали боҳашамати шоир бо маблағи ҷавонмарди саховатпешаи кангуртӣ Анвар Қурбонов сохта шуд. Дар деҳаи Наистони Боло мактаби миёнаро ба номаш гузоштаанд.

Бастакори машҳури тоҷик Абдулфаттоҳ Одинаев ҳам яке аз номбардорони мардуми ин диёр аст. Ӯ дар Гузари

Тори Кангурт ба дунё омада, консерватория ва аспирантураро дар Москва хатм кардааст. Ӯ операҳо, кантатаҳо ва чандин шеърҳоро ба оҳанг даровардааст. Яке аз бастакорони номдори тоҷик аст, ки мардуми ин диёр бо номи ӯ мефахранд. Месазад, ки мардуми ин диёр мактаби № 8-ро, ки марҳум хатмкардаи он аст, ба номи ӯ гузоранд.

Ҳофизи машҳуру нотакрори тоҷик Карими Шуш ҳам зодаи Кангурт мебошад. Ӯ дар замони худ бо овози марғуладори худ ва оҳангҳои дилпазираш дар байни халқ машҳур буд. Номи неки ӯро тамоми мардуми тоҷик ба ёд меоранд. Телевизиони «Сафина» дар бораи Карими Шуш гузориши хубе дода буд. Дар Тоҷикистон ин ҳофизи машҳуру нотакрорро ҳама медонанд. Имрӯзҳо баъди маргаш мардуми Тоҷикистон ӯро ба некӣ ба ёд меоранд. Аз байни мардумони кангуртӣ бисёр номбардорони санъати тоҷик, мисли актёрони машҳур Убайдулло Раҷабов, Лутфулло Давлатов, барандаи телевизион Эраҷи Ғоиб, ҳофизони машҳур Чиллахон Холов, Ҳабибулло Бегов, Шодмон Одинаев, Хуршед Қувватов, Ғуломов, Саидқул Билолов, Кароматулло Қурбонов ва бисёр дигарон дар ҷодаи санъати касбӣ ҳунарварӣ мекунанд ва ифтихори халқи Кангурту Тоҷикистонанд.

Мардуми Кангурт ба ин фарзандони номбардорашон ифтихор доранду номи неки онҳоро ба хубӣ ба ёд меоранд.

Инчунин қонуншиносони беҳтарини ҷумҳурӣ, ки дар Тоҷикистон маълуму машҳуранд, мисли дотситони кулли ҷумҳурӣ Шерхон Салимов, корманди соҳаи ҳуқуқ Хатича Ҳакимова зодагони ин диёранд. Ба наздикӣ, баъди Наврӯз онҳо ба Кангурт омада, тӯи хатнаи 100 нафар фарзандони ҳамдиёрашонро гузарониданд.

Яке аз зодагони номдори Кангурт, шахси сахию боҳиммат Шариф Давлатов аст, ки чанд сол пеш депутати Совети Олӣ интихоб шуда, чанд соле дар ноҳияи Балҷувон раиси Ҳукумати ин ноҳия буд ва ҳоло корманди вазорати таъминоти сотсиалии ҷумҳурӣ мебошад. Ин шахси боҳиммат аз маблағи шахсии худ хати телефонро аз

Данғара то Кангурт ва Балҷувон овард, ки бисёр солҳо он вайрон буд.

Дар деҳаи Ришқапаяи Гузари Тор оби нушокӣ овард. Дар истгоҳи автомашинаи деҳаи Наистони Боло хонаи дамгирии мӯйсафедонро бунёд кард. Дар сари роҳи болои бозори Кангурт 10 ҳайкали ғурамаргони ҷанги бародаркушро гузошт ва гирди онҳоро арчазор намуд.

Инчунин бо ҳамроҳии бародараш Ҳоҷӣ Файз боғҳои бисёре дар Дараи Азимбой, Бойпулӣ бунёд намуданд. Бародараш Ҳоҷӣ Файз дар назди деҳи Гузари Тор дар 15 гектар майдон боғи нав бунёд намуд. Бародари дигари Шариф Давлатов Қаҳрамон Давлатов барои ободии диёр бозори Кангуртро ба тартиб овард.

Дар ин ҷо даҳҳо шипангу мағозаҳо ва дуконҳо созонда, бозорро хеле обод намуд.

Дигаре аз номдорони Кангурт иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, иштирокчии паради ҳарбии Москва ба муносибати 60-солагии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Аҷиков Абдулло мебошад. Ин марди наҷиб солҳо мудири фермаи савхози Кангурт буду баъди нафақа баромадан ӯ марқадҳои алломаҳои кангуртӣ Қорӣ Сайфуршаҳрро дар Савда, Хоҷа Ҳофизро дар роҳи Чаброғ рост намуд. Инчунин дар деҳи Оби Ширин гирди мазори Хоҷа Аловиддинро бо панҷараи оҳанин маҳкам намуд, ки ҳоло ин ҷойҳо зиёратгоҳи мардумонанд.

Дигаре аз номбардорони мардуми Кангурт Анвар Қурбонов мебошад. Ин марди наҷиб, ки ҳоло сарвари комбинати ресандагию дӯзандагии Душанбе мебошад, бо ташаббуси шахсиаш аз маблағи шахсии худ Ҳайкали баландқомати шоири машҳури ҳамдиёраш Ҳоҷӣ Ҳусайнро тайёр намуда, дар боғи фароғатии Кангурт гузошт.

Дигар шахсони саховатпешаи кангуртӣ роҳҳоро асфалтпӯш намуда, аз роҳҳои дуру чашмаҳо ба деҳаҳои Кангурт об меоранд.

Бигзор чунин саховатпешаҳо дар диёри овозадори Кангурт зиёд гарданду барои ободии ин диёр саъю талош на-

моянд. Аҳсан ба чунин номбардорони Ватан.

Дигаре аз шахсиятҳои машҳуру номдори Кангурт Маҳмадулло Сайдалиев мебошад. Ӯ раиси Ҳукумати ноҳияи Данғара буда дар бисёр корҳои ташкилӣ дасти ҳамдиёронашро мегирад. Падараш шоиру ходими ҷамъиятии Кангурт Қувватов Сайдалӣ бисёр солҳо роҳбари совхози гӯсфандпарварии Кангурт буду дар ободонии диёр саҳм мегузошт.

Ба маврид аст аз шахсиятҳои шинохтаю номдори Кангурт ёдовар шуда чанде аз онҳоро номбар намоем.

Қурбонов Шариф – Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, собиқ раиси колхози Ворошилови деҳаи Чаброғ.

Ҳусайнова Басбӣ – корманди собиқ Ҳукумати ноҳияи Кангурт.

Шарифов Хол – собиқ раиси Ҳукумати ноҳияи Кангурт.

Эмомов Раҷабалӣ – Муаллими хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳасанов Иноят – собиқ раиси ҷамоати Кангурт.

Шарифов Раҳмат – собиқ мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Темурмалик.

Сафаров Ғанӣ – собиқ мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Темурмалик.

Ҳайдаров Умар ва Шарифова Мастура депутатҳои собиқи Совети Олии Тоҷикистон аз округи Кангурт.

Салимов Одина – дорандаи ду ордени Ғалаба, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, падари додситони Генералии Тоҷикистон.

Раҳмоналӣ Салимов – иштирокчии набардҳо барои барқарор кардани ҳокимияти Советӣ дар Кангурт.

Шарифов Зариф – собиқ раиси ноҳияи Кангурт, падари раиси комитети гумруки ҷумҳурӣ генерал – майор Зарифов Гурез.

Салимов Файзулло – собиқ раиси ноҳияи Кангурт, падари вазири тандурустии Тоҷикистон Нусратулло Салимов.

Исоев Ҳасан – собиқ мудири комитети зироати ноҳияи Кангурт.

Ҳукумов Амонулло – раиси Комитети роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Раҳматов Мӯсо – машҳуртарин корманди савдои Кангурт.

Холдоров Исмат – собиқ сардори комитети бехатарии ноҳияи Кангурт.

Қурбонов Бозор – мудири шӯъбаи пиллақабулкунии собиқ ноҳияи Кангурт, падари раиси корхонаи бофандагии шаҳри Душанбе Анвар Қурбонов.

Ҳомид Мухаков – сардори комбинати мебел-истеҳсолкунии шаҳри Душанбе.

Бобоалӣ Исматов – директори заводи спирти Данғара.

Сангов – чемпиони Тоҷикистон дар гурзбардорӣ, иштирокчии олимпиадаи XII дар Пекини Чин.

Сафаров Ғаюр – машҳуртарин иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, иштирокчии паради ҳарбӣ дар шаҳри Москва.

Одинаев Шодихон – сардухтури беморхонаи Кангурт.

Ғафуров Лашкарӣ – собиқ раиси савдои ноҳияи Данғара.

Мухаков Исмат ва Сайдулло – паҳлавонҳои номдори Кангурт.

Қувватов Фаррух – директори мактаби миёнаи бо номи Ҳоҷӣ Ҳусайни деҳаи Наистони Боло.

Чилла Абдулҳақов, Муродов Саъдулло, Чақалов – иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ.

Самадов Абдулҳақ – ветерани сохти совхозии Кангурт.

Увалов Раҷаб – яке аз ҳофизони номдори Кангурт.

Шарифов Зариф – яке аз раисони номдори Кангурт.

Бобои Мирзомурод – машҳуртарин раиси колхози замони колхозии Оби Ширини Кангурт.

Мирзоев Аҳмад – роҳбари маҳфили қаламкашони минтақаи Кангурт.

Бухориев Маҳмадулло, Сафаров Шариф, Қаҳҳоров Сафар, Сафаров Самад, Хоҷаев Мурод, Ғоибов Намоз, Соҳиб Увалов – беҳтарин омӯзгорони Кангурт.

Собиров Кенҷа, Гадоев Қурбон – собиқ раисони суди

собиқ ноҳияи Кангурт ва боз чанде дигарон дар пешравии диёри Кангурт саҳм доранд.

Умаров Шерхон – аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ҷонишини директори Нашриёти «Шарқи Озод».

Зикиров Хурсандқул – собиқ вазири ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Одинаев Холназар – ҷонишини раиси кумитаи Суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шарифов Азизулло – директори колеҷи мусиқии ба номи Атоев, бастакори тоҷик.

Сӯфиев Асадулло – доктори илми филология, корманди Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рашидов Назар – корманди фонди давлатии ҷумҳурӣ.

Собиров Кенҷа – собиқ додситони ноҳияи Кангурт.

Шералиев Мустафоқул – собиқ раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб.

Мирзоев Хайрулло – собиқ вазири савдои ҷумҳурӣ.

Салимов Хушвахт – духтури касалиҳои рӯҳии касалхонаи муттаҳидаи ба номи Дияков.

Латифов Муҳибулло – марди саховатпешаи Кангурт мебошад.

## *ҚИССА ВА АФСОНАҲО*

## БАХИЛ ВА САХӢ

Дар деҳае марди бахилу бадҷаҳле буд. Вайро мумсик мегуфтанд. Хонаи ӯ дар баландии болои деҳа буд. Ҳамсояи вай як деҳқони саховатпешае буд. Деҳқон ёфтаашро бо ҳамосяҳо бо ҳам медиданд. Марди бахил доро буду мумсик. Вақте ӯ чорво забҳ мекард, рудаю ишкама ва чизҳои нодаркорашро сӯи хонаи ҳамсояаш – марди деҳқони сахӣ мепартофт. Фарзандони деҳқон аз ин рафтори бади ӯ парвое надоштанд. Бо нодориашон қаноат мекарданд.

Марди дорои бахил ҳар рӯз ба фарзандони худ назар карда медид, ки харобу лоғаранд. Аммо ба фарзандони деҳқони сахии камбағал менигаристу медид, ки онҳо фарбеҳ, рухсораҳояш сурх буданд.

Рӯзе мумсики бахил аз камбағали ҳамсояаш пурсид, ки чаро писарони ту фарбеҳу боқувватанду фарзандони ман нотавону харобанд?

Деҳқон дар ҷавоб гуфт:

– Ҳамсоя, ман ба тарафи хонаи касе бо ҳасад нигоҳ намекунам. Қаноатпешаам. Шумо ба хонаю кори ҳама нигоҳ карда, ҳасад мебаред. Фарзандонатон ҳам мисли худатон мебошанд.

Ин гап ба дорои ҳасуд таъсир карду аз он вақт ин феълашро партофт ва оҳиста-оҳиста рангу рӯи фарзандонаш беҳтар шудан гирифт.

## ҚИССАИ ГАВҲОРАБАХШ

Дар замони қадим дар ноҳияи Шуробод деҳае аз дарёи Панҷ болотар буд, ки онро деҳаи Роғ мегуфтанд. Дар ин деҳаи кӯҳсор ду шахс дӯстона зиндагӣ мекарданд. Яктоаш Мансур ном дошту дигарашро Ҷалол мегуфтанд.

Мансур дорою ғаюру худписанде буду Ҷалол деҳқони соддаю камбағал.

Вале ҳарду бо ҳам унс гирифта дӯстона зиндагӣ мекарданд.

Дар як ҷамъомаде аҳд мекунанд, ки занҳои ҳардуямон ҳомилаанд. Агар яке духтару дигаре писар таваллуд кунанд, бо ҳам гаҳворабахш мекунем.

Вақти таваллуд ҳам мерасад. Зани Ҷалол писар мезояду аз Мансур духтар. Рӯзе дар деҳа паҳн мешавад, ки Мансуру Ҷалол бо ҳам қудо мешаванд. Ин гап бо хости худо аз рӯи аҳдашон ба вуҷуд омадааст. Духтар Давлатхотун ном дошту писар Ҳусейн.

Рӯзе падари Давлатхотун бо занаш гуфт, ки биё аз аҳд мегардем. Мо аз чӣ кам ҳастем, ки духтарамонро ба як камбағали нодор медодаем. Биё ягон домоде аз хонаи ягон доро ҷустуҷӯ мекунем. Зан фикри шавҳарро рад карда мегӯяд. Мо дар ғоибии ин тифлон аҳд карда будем. Худо ҳамин хел кардааст. Аз ҳукми Худо гаштан хуб нест. Аммо шавҳар якравӣ карда, гапи занро намегирад. Мард мегӯяд, ки ҳар кас пояшро қади курпааш бояд дароз кунад. Зан ба гапи худ истода, мегӯяд, ки ба хости илоҳӣ зид набаро. Ин бо хости Худо ба амал омадааст. Ин кори тақдири азал аст. Оҳиста – оҳиста фарзандҳо калон мешаванду бо ҳам шухию бозӣ мекунанд. Онҳо худро чун ошиқи пок медонистанд. Барояшон ягон баҳсу талош набуд. Калонтар шуда, муҳаббаташон зиёд мешавад.

Ҳусейн як соат бе Давлатхотун танҳо гашта наметавонист. Бо ҳам бисёр унс гирифта буданд. Давлатхотун ҳам намедид дар кофтукови Ҳусейн мешуд. Мардумони деҳаи Роғ, ки ин манзараҳоро медиданд, мегуфтанд, кай тӯй мешуда бошад?

Рӯзе Ҳусейн ба дилдодааш назар карда, ин рубоиро мехонад:

*Давлатхотуне барги гули зардолу,*
*Як бӯса бидеҳ ба дарди дилам дору.*

Духтар ҳам ин хел мехонад:

*Ман бӯса намедиҳам, ишқ даргузар аст,*
*Шарманда дар ин вақту азоби маҳшар аст.*

Сухани Давлатхотун ба Ҳусайн маъқул мешаваду худ ба худ мегӯяд, ки ишқи покро набояд нопок намоем.

Бобои Ҷалол ба фарзандаш баъди хатми мактабаш ҷуфтрониро ёд дода, ӯро ба саҳро равон мекунад. Рӯзе падараш ӯро ба замини Қули Заранг ба ҷуфткунӣ мефиристад.

Ҳусейни мафтуни ишқи ёраш ӯро ба ёд оварда ин шеърро мехонад:

*Ин Кули Заранг об надорад, чӣ кунам,*
*Ду чашми сарам хоб надорад, чӣ кунам.*
*Давлатхотуне биё ба ман ёрӣ кун,*
*Туро бинам, говҳоро бонӣ кунам.*

Дар ҳамин ҳангом Давлатхотун дар назди Ҳусейн пайдо мешавад. Ҳарду қоҳ-қоҳ механданд. Ҳусейн боз шеъре мехонад:

*Худо мегӯям бишканад оҳани кор,*
*Говҳо ба чаро раванд, ман пешаки ёр.*

Ҳамин вақт тифоқо оҳани испор мешиканад. Говҳоро пеш даровардa шӯхикунон сӯи деҳаи зодгоҳашон – Роғ мераванд.

Мардум дар роҳи Қули Заранг онҳоро дида, гап паҳн мекунанд, ки ҳоло тӯй нашуда, ба ҳар роҳи дур якҷо мераванд. Ин хабар ба падари Давлатхотун мерасад.

Падари духтар бо занаш гапҳои носазо гуфта, духтаршро сӯи Кӯлоб мебарад. Давлатхотун дар ёди дилдодааш ин шеърро мехонад:

*Имшаб чӣ шаб аст, бин чунин тақдирам,*
*Ду дасти баста, пой дар занҷирам.*

Модар инро мешунаваду зор-зор мегиряд.

Ва модар илтиҷо мекунад, ки бахти духтараш ба дилдодааш Ҳусайн шавад.

Модар инро гуфта, зор-зор мегиряд. Дар гиряи вай духтар ҳам мегиряд ва ин байтро мехонад:

*Эй ёр биё ту ҳам ба ман ёрӣ кун,*
*Манро мебаранд ту гиряю зорӣ кун.*
*Манро мебаранд ҷои дигар мефурӯшанд,*
*Ту пул дорӣ ҷонма харидорӣ кун.*

Дар ҳамин ҳолат Ҳусейн хоб мебинад, ки ёрашро гурезонидаанду дар роҳ аст. Бедор шуда ҷисму ҷонаш ба ларза медарояд. Пас ин шеърро мехонад:

*Вой аз ману вой аз ману вой аз ҷонам,*
*Ин ҳазрати Азроил шудаст меҳмонам.*
*Ин марди бузург ҷон зи ман металабад,*
*Гар ту бошӣ, ҷонма харидорӣ кунӣ.*

Ҳусейн худ ба худ мегӯяд, ки шояд дар хонаи Давлатхотун ягон гап шуда бошад, сӯи хонаи онҳо меравад.

Рафта мебинад, ки дар хонаи онҳо ягон кас нест, зиқ мешаваду гирякунон ин шеърро месарояд:

*Диле дорам, ки аз гургон натарсад,*
*Зи банди кундаю зиндон натарсад.*
*Дили ошиқ мисоли гурги гушна,*
*Ки гурги гушта аз чӯпон натарсад.*

Ҳусайн намедонад, ки онҳо ба куҷо рафтаанд. Гаштагашта намеёбаду пеши падараш ба хонаашон меояд. Падар аз сирри Ҳусайн огоҳ шуда мегӯяд: – Биё, бачам, аз баҳри ӯ гузар. Падари ӯ бой аст. Ба мо ӯ қудо намешавад. Ҳар кас бояд пояшро қади курпааш дароз кунад.

Ҳусейн баъди гапҳои падараш беихтиёр ин шеърро мехонад:

*Куртақаламӣ тирезу остинат манам,*
*Сад ёр бигирӣ, ёри нухсинат манам.*

Инро мехонаду аз хона баромада ба кофтукови Давлатхотун ба роҳ медарояд. Дар роҳ савореро дида мепурсад. Савор мегӯяд, ки ман кӯчбастаеро дирӯз дида будам, ки сӯи Ҳулбук равон буданд. Инро мешунаваду бо чашми ашкбор ин шеърро мехонад:

*Қади ту ниҳоли бесамар кард маро,*
*Ишқи ту гадои дар ба дар кард маро.*
*Ишқи ту чӣ мекунам дар ин камбағалӣ,*
*Ин меҳру муҳаббата худо овардай.*

Баъд Ҳусейн рафтан мегирад. Баъди як рӯз ба бозори Ҳулбук мерасад. Он ҷо бобои Мансурро мебинад, ки ба тиҷорат машғул аст. Аз савдогаре мепурсад, ки ин мард дар куҷо зиндагӣ мекарда бошад. Касе мегӯяд, ки аз кӯҳистон омадаасту дар деҳаи Кадучӣ зиндагӣ мекунад. Ҳусейн сӯи Кадучӣ роҳ пеш мегирад. Онҷо пурсида хонаи бобои Мансурро меёбад. Мебинад, ки Давлатхотун дар айвон бо модараш нишастааст. Он гоҳ ин шеърро мехонад:

*Духтари бобои Мансур,*
*Қади ту қади тамбур.*
*Рӯятро гардон сӯям,*
*Ту маро кардӣ маҷбур.*

Давлатхонтун овозро мешунаваду мебинад, ки Ҳусейн омадааст. Вай дар ҷавоб ин шеърро мехонад:

*Ситора залилу заъфарон буд имшаб,*
*Ин Ҳусейни дар ба дар меҳмон буд имшаб.*

Ҳусейн ин байтро шунида, гирён мешавад. Давлатхотун боз ин байтро мехонад:

*Ҷонона маро мисоли моҳпора набин,*
*Дар ҳавлии худ фақиру бечора набин.*
*Дилгир манам раҳи туро менигарам,*
*Ту дасти маро бигиру ин ҷо манишин.*

Дар ҷавоби шеъри духтар Ҳусейн бадеҳатан мехонад:

*Ситора залилу заъфарон буд имшаб,*
*Парвин ба миёни осмон буд имшаб.*
*Парвин ту бирав ба ҷои худ сокин бош,*
*Ин қиссаи ошиқон дароз аст имшаб.*

Духтар гирён шуда боз ин байтро мехонад:

*Ҷонона маро бипурс зи Роғ омадаам,*
*Дилгир шудам туро суроғ омадаам.*

Модари Давлатхотун аҳди кардаашро ба ёд оварда, аз бахти носолими духтараш зор-зор мегиряд. Дар ҳамин вақт Мансур ба хона меояд. Ҳусейнро дида мегӯяд, ки тақдири духтари ман гумонам ба ҳамин аст. Боз фикркунон мегӯяд, ки тақдирро тақбир мекунаму ба ин пойлуч духтар намедиҳам. Ҳусейнро аз хона пеш мекунад. Ҳусейн роҳравон ин худ ба худ мехонад:

*Сазои сарам дар ба дар мегардам,*
*Маҷнун манам ба чашми тар мегардам.*

Давлатхотун инро шунида зор-зор мегиряду ин шеърро месарояд:

*Худои Карим бенасибам накунӣ,*
*Бемори дарози бетабибам накунӣ.*

Падари духтар бо дидани Ҳусейну шеърхонии духтар дар ғазаб шуда, Ҳусейнро пеш мекунад. Ҳусейн рафта дар яке аз хонаҳои охири деҳа шаб мехобад ва пагоҳӣ боз ба хонаи духтар меояд. Мебинад, ки бобои Мансур зану духтарашро аз ин ҷо гирифта рафтааст. Ҳусейн ҳайрон мемонаду намедонад куҷо равад. Пас ба роҳ баромада ба деҳаашон меояд.

Падару модар ӯро дида шод мешаванду аҳволашро ме-

пурсанд. Ҳусейн дидаю шунидаҳояшро бо падару модар мегӯяд. Модар мегӯяд: Агар Худо розӣ шуда бошад, ахир Давлатхотун аз ту мешавад.

Модар ба Ҳусейн мегӯяд, ки модари духтар ба ман дӯст буд, вале корро ба ин дараҷа расонд.

Ҳусейн дар хонаи падар чанде монд. Баъди чанде безобита шуда, роҳи Ҳулбукро пеш мегирад. Кофта-кофта аз дигар деҳа хонаи онҳоро меёбад. Мебинад, ки Давлатхотун бо модараш карбос танида, дар ҳавлиашон ҷумбуҷул доранд. Аз дур Ҳусейн ин байтҳоро мехонад:

*Давлатхотун Дулонамайдонанда,*
*Карбос мондӣ саҳари мардонанда.*
*Гуфтам биравам риштаи карбоста гирам,*
*Хобаш бурдаст таҳаки долонанда.*

Ин овозро Давлатхотун шунида ба ҳар тараф менигарад. Бо алам гирякунон месарояд:

*Моҳ меравану ситора пас мемонад,*
*Номарда бубин ёра ба кас мемонад.*

Ҳусейн инро шунида доир ба камбағалию ҳоли зори худ гирён мешаваду ин байтро мехонад:

*Ошиқи зорам ҷӯра,*
*Дил беқарорам ҷӯра.*
*Умед дорам аз Худо,*
*Туро бигирам ҷӯра.*

Ҳамин тавр боз бо ёраш хайру хуш карда, ба Роғ – назди падару модараш меравад. Ҳамаи гапҳоро бо падару модараш мегӯяду хизмати онҳоро мекунад. Баъди чанде беқарор шуда аз падару модар ҷавоб гирифта ба назди Давлатхотун меояд. Дар ҳамин ҳангом Давлатхотунро падараш дар Шаҳри Барбар бо касе ба шавҳар медиҳад. Шаб духтар ба шавҳараш ҳамаи воқеаҳоро мегӯяду ба ӯ наздикӣ намеку-

над. Ин мард ҳам худотарс будаасту ба духтар кордор намешавад. Баъди як ҳафта Ҳусейн ба суроғи Давлатхотун аз Роғ сӯи Шаҳри Барбар меояд. Баъди пурсуҷӯи бисёр хонаи Давлатхотунро, ки ба шавҳар дода буданд, меёбад. Мебинад, ки алови нонпазӣ карда истодааст. Аз бӯи дуди алав мефаҳмад, ки пуш алав карда будаанд. Ҳусайн инро мефаҳмаду аз дур баланд ин шеърро мехонад:

*Давлатхотуне хона гирифтӣ гӯша,*
*Алов мекунӣ хасу гиёҳи пуша.*
*Як дардаки сахте бигирад шуша,*
*Ба баҳонаи касалӣ бубинам руша.*

Давлатхотун овози Ҳусейнро мешунаваду аз тарси шавҳараш чизе намегӯяд ва пас аз чанде бо дили хаста месарояд:

*Чашмони чорам Ҳусейн,*
*Дил беқарорам Ҳусейн.*
*Бо дасти ин бегона,*
*Ишқи ба поям Ҳусейн.*

Инро мехонаду зор-зор гириста нонҳои пухтаро ҷамъ карда ба хона медарояд. Пас баромада барои тушаи роҳ барои Ҳусейн дег монда гандум бирён кардан мегирад.

Шавҳараш мебинад, дег зери оташ асту гандум бирён мекунад. Ӯ тааҷҷуб мешавад. Аз тарси шавҳар Давлатхотун пеши дег рафта наметавонад. Аз зарби оташи зиёд дег кафида мешиканаду гандумҳо болои хокистар мерезанд.

Инро Ҳусейн мушоҳида мекунад ва мегӯяд:

*Ҷонона маро ишорати мижгон кард,*
*Дегашро бимонду гандумаш бирён кард.*
*Дегаш бишикасту гандумаш пок бирехт,*
*Ёре, ки ба каф омада буд, боз гурехт.*

Шавҳари Давлатхотун ба ҳар тараф менигарад, то ки соҳиби овозро ёбад. Дар охир ӯро мебинад, ки бо либосҳои

даридаю мӯи расида, пои луч, ҳайрону ҳаросон сӯи духтар нигоҳ дорад. Ин мард назди Ҳусейн омада аз ӯ мепурсад, ки шумо кистед ва аз куҷо омадаед.

Ҳусейн ҷавоб медиҳад:

*Ман марди мусофирам зи Роғ омадаам,*
*Дилгир шудаму ёрма суроғ омадаам.*

Ин мард занаш – Давлатхотунро пеши Ҳусейн даъват мекунад. Вай ба чашми ашкбор омада месарояд.

*Ашки пурхунам бубин, эй соҳибам,*
*Раҳм бинмо, ошиқи поке будем.*

Ин вақт аз ҳар тараф мардуми бисёре гирд меоянд. Ин одамон аз Ҳусейн мепурсанд, ки аз куҷо ва ба чӣ кор омадааст. Ҳусайн бо мардум гаҳворабахш будану ба чӣ ҳол афтоданашро то лаҳзаи ба ин ҷо омаданаш як-як пеши мардум нақл мекунад. Шавҳари Давлатхотун ҳам ин гапҳоро пурра мефаҳмад. Вай мегӯяд, ки ин зан шаби аввал ҳамаи ин қиссаро ба ман гуфта буд. Ман то ҳол ба ӯ ҳамхоба нашудаам. Инҳо ҳақиқатан ошиқи хости Худо будаанд. Тақдирро такбир кардан бо амри Худо номумкин аст. Ман розиям, ки ин занро аз қайди никоҳи худ барораму ба соҳиби аслиаш баргардонам. Охир, мо ҳам мусулмону худотарсем. Ин вақт падари духтар ҳам раисда меояд. Якҷоя ба қозихона меоянд. Қозӣ мегӯяд ба падари духтар: – Аз ин мард чизе гирифтаӣ, баргардон. Он гоҳ ин занро талоқ диҳаду ба соҳиби асилаш ӯро никоҳ кунем. Дар ин ҳолат як давлатманде аз байни издиҳом хеста мардонавор мегӯяд:

Бо хости Худо ман давлатманд шудаам. Ҳамаи додаи шавҳари ин занро ман медиҳам. Бигузор инро талоқ диҳаду бо хости Худо ӯро ба Ҳусайн никоҳ карда диҳанд. Дар ин вақт шавҳари Давлатхотун, ки тоҷири давлатманду худотарс буд, мардонавор дар назди ҳама мегӯяд: «Ман ҳам мардонагӣ дорам. Манро Худо ба ин давлату савлат раксонидааст. Аз розигии Худо касе берун намебарояд. Ман

чизҳои додаамро ба падари духтар лилоҳ бахшидаму ин занро дар назди ҳамаатон талоқ додам. Бигузор ҳақ ба ҳақдор расад. Ошиқон ба висоли якдигар бирасанду ҳаққи тақдир ба ҷо биёяд».

Онгоҳ ҳама хурсанд мешаванду чапакзанӣ мекунанд. Қозӣ дар ҳузури ҳамагон ин ду гаҳворабахтро никоҳ карда, онҳоро ба висоли якдигар мерасонад. Мансуру занаш ва духтарашон бо Ҳусайн якҷоя сӯи Роғ роҳ пеш мегиранд. Падари духтар гирякунон мегӯяд, ки тақдири духтарам ба ҳамин бачаи Ҷалоли ҳамсоям будааст. Аз розигии Худо касе илоҷи дигар надорад. Шаб дар хонаи бобои Ҷалол тӯй мешавад. Ҳамаи ҳамсояҳо то як поси шаб дилхушию рақс мекунанду суруд мехонанд. Ҳама аз тақдири онҳо шодӣ мекунанд. То буданашон дар Ватан шодона мегарданд. Чандин фарзандон меёбанд. Ин аст қиссаи Давлатхотуну девона Ҳусайн.

## САЙЁДИ НАКӮКОР

*(Афсона)*

Нурмуҳаммад ҳар рӯз ба шикор мерафту ризқу рӯзии фарзандонашро аз шикор меёфту зиндагии фақиронае дошт. Рӯзе ба кӯҳи баланде ба шикор рафт, ки дар он ҷо на чашма буду на чизи мехурданӣ.

Аз тарси ташнагӣ барги тареро аз дарахти ин кӯҳ канда мехояду ба ҷое баромада мехобад. Ӯ лафзи паррандаю дарандагонро медонист. Хеста гӯш меандозад. Ҳамаи паррандагонро мешунавад, ки аз шикорчӣ норозигӣ мекунанд. Паррандагон мегӯянд, ки мо ҳам ризқу рӯзӣ дорем. Мехоҳем умр бинем. Бача паронем, сайру тамошо кунем. Ин чӣ бало аст, ки ин шикорчиро ба сари мо овардааст.

Ин гапҳоро аз забони паррандаю дарандаҳо шунида хиҷил шуду ба паҳлуи кӯҳ тоб хурда ба капаи чӯпонии ҷӯрааш – Ғаюр ба меҳмонӣ рафт.

Ғаюр ба шарафи дӯсташ гӯсфанде забҳ мекунад. Ногоҳ аз дурӣ гурге уллос кашида мегӯяд, ки имшаб шумо устухони фаровон мехӯред. Саге бо номи полвон мегӯяд ба гург, ки агар ин мерган ақл кунаду аз ин гӯсфанди кушташуда нимашро ба мо диҳад, имшаб ту барин гургро буғӣ мекунему аз байн мебардорем. Нурмаҳмад инро мефаҳмаду ними гӯштро аз чӯпон илтимос карда, пеши сагон мепартояд. Чӯпон норозигӣ мекунад, вале сайёд мегӯяд, ки оқибати инро пагоҳ мефаҳмӣ. Шӯрбо хӯрда ҳарду мехобанд. Субҳидам Ғаюр хеста мебинад, ки рама тинҷ хоб асту сагҳо нестанд. Омада ба шикорчӣ инро мегӯяд. Шикорчӣ мегӯяд, ки поёнтар равед, сагҳо дар дараанд. Ғаюр поёнтар рафта мебинад, ки сагҳо дар дара хобанду дар пешашон як дултаи мурдагӣ. Чӯпон аз ин кор хурсанд мешаваду ба дӯсти сайёдаш мегӯяд, ки як гӯсфанди хубе аз ин мол ҷудо карда бибар. Сайёд гӯсфандеро, ки момакалони ин рама буд, ҷудо карда бурдан мегирад. Ин вақт дигар гӯсфандон маоскунон

аз паси сайёд мераванд. Ғаюр ба сайёд мегӯяд, ки ин чӣ ҳол аст. Мегӯяд, ки худат ҷудо карда бидеҳ. Ин момакалони гӯсфандон будааст. Дигар гӯсфандро чӯпон ба сайёд медиҳаду он момакалонро бармегардонад. Дигар гӯсфандон ҳам боз баргашта ба рама меоянд.

Нурмуҳаммад гӯсфанди тӯҳфашударо ба хонааш оварда медиҳад. Мешунавад, ки вазир тӯй дорад. Зуд ба тӯйхона меравад. Дар роҳ саге мегӯяд, ки ба тӯйхона меравӣ. Ҳоло тӯю пагоҳ мотам аст. Тупчии шоҳ ҷои хоби шоҳро соати сеи шаб нишон гирифта мепаронад. Шоҳу оилааш ҳалок мешаванд.

Сайёд инро шунида ба тӯй нею ба сӯи хонаи шоҳи рафиқаш меравад. Бо шоҳ салом дода бо чашми гирён мегӯяд, ки ҷои хобатро иваз кун. Соати се тире омада ба ҷои хобат мерасаду нобуд мешавед. Ҳамин хел хоб дидаам. Хонаи хобро иваз мекунанду ҳамаи чизҳое, ки буд дигар ҷой мебаранд. Ҳақиқатан соати сеи шаб тупчии подшоҳ ба сӯи ин хона туп мепаронад. Хона валангору ҷазир мешавад. Пас аз ин шоҳ тупчиро мефармояд ки наздаш оранд. Аз ӯ мепурсад, ки чаро ин хел кардӣ. Мегӯяд, ки вазир ба ман фармуду ман иҷро кардам.

Шоҳи боадолат буду қозиро талабид, ки гунаҳкорро ёфта ҳукм кунад. Баъди пурсуҷӯ вазирро гунаҳгор донистанд. Шоҳ аз вазир пурсид, ки чаро ин корро кардӣ. Ӯ гуфт, ки ман он вақт худро шоҳ ҳисобида ҳукм карда будам. Вазирро куштанду ба ҷои ӯ сайёдро вазир пешниҳод намуданд. Вазири нав ба шоҳ гуфт: – Вазирро забони худаш кушт. Шумо одилу сулҳхоҳ бошед, ба касе ҷабр накунед. Як умр бо ҳам кор мекунем. Шоҳ ба Нурмуҳаммад гуфт, ки аз куҷо ин пандҳоро омӯхтед. Вай гуфт, ки аз паррандагон омӯхтам. Онҳо бо ҷуфти худ хиёнат намекунанд. Баъди чанд сол вазир бемор шуда, фарзандашро ба пешаш хонд. Гуфт: каме давлат дорам. Туро хонадор мекунаму се насиҳат дорам мегӯямат. Онҳоро иҷро бикунӣ ба мақсад мерасӣ. Вазир ба писараш гуфт:

1. Аввал аз нон гузар накун. Бихуру баъд бирав.
2. Сирро ба зан нагӯй.
3. Аз навкиса қарз накун.

Бачаи вазир баъди марги падар хост, ки пандҳои ӯро бисанҷад. Рафта ба бое дастёр шуда хизмат кард. Бой ду зан дошт. Зани калонии бой бадрашк буд. Хост, ки зани хурдиро тӯҳмат кунаду пеш кунад. Ба шавҳараш бардурӯғ гуфт, ки ин дастёрат бо занат мегардад. Бой инро шунида дар паи нест кардани дастёраш мешавад. Ба нонвойхонаи шаҳр рафта бо нонвой ҳафт тилло доду гуфт. Пагоҳӣ як касро барои нон мефиристам. Якум ӯ меояд. Омад, дар танурат андозу бикуш. Ба зани калонӣ ин сирро гуфта буд бой. Ба бачаи дастёраш (писари вазири собиқ) пул доду гуфт: Субҳидам аз фалон нонвой нон гирифта биё. Дастёр рафту дар роҳ сорбонҳоро дид. Якеаш ба нонхӯрӣ таклифаш кард. Панди падар ба ёдаш омаду гашта нон тановул кард. Зани калонии бой ин гапро медонист давон омаду хост ин бачаро халос кунад. Вақте ин зан аввалин шуда омад, нонпаз ӯро ба оташдон партофта кушт. Дастёри бой пасон омада нон гирифта рафт. Бой тааҷҷуб шуда омада ба нонвой гуфт, ту чӣ кор кардӣ. Дид, ки зани калонии худашро ба оташдон партофтаанд. Ин бача аз панди падарро иҷро кардан зинда монд.

Зиндагӣ панд аст. Таҷрибаи рӯзгор беҳтарин насиҳат ба инсонҳо мебошад. Дар ин афсонаи саргузаштии Нурмуҳаммаду фарзандаш мо инро мебинем. Бояд инсонҳои рӯи олам аз нақли гузаштагон ба худ панд бигиранд.

## МУНДАРИЧА

Шеърҳо .................................................................. 3
Рубоӣ ва дубайтиҳо ............................................... 22
Аз дидаву шунидаҳо. Андарзҳо ............................ 24
Ёде аз ҷавонмардони кангуртӣ ............................. 29
Қисса ва афсонаҳо.
Бахил ва сахӣ ........................................................ 35
Қиссаи гаҳворабахш............................................... 35
Сайёди накӯкор (афсона)...................................... 45

**Саидалӣ Барот**

**ПАНДИ ЗИНДАГӢ**

Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 28.11.2011 супорида шуд.
Чопаш 29.11.2011 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 3,0. Адади нашр 100 нусха.

Дар матбааи ҶДММ «Накӯкор» ба табъ расидааст.